# ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD), ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 23.01.2026, №74**

Барои сазовор донистани Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз).

Диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) санаи 17 ноябри соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №95 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Докторант (PhD) Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич, соли таваллудаш 28.04.1994, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳоло ба ҳайси ассистенти кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич соли 2012 ба Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, донишкадаи мазкурро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси молия хатм намудааст. Номбурда соли 2016 ба зинаи магистратураи Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон) дохил шуда, соли 2018 онро аз рӯйи ихтисоси молия бомуваффақият хатм намудааст.

Мавсуф соли 2018 ба зинаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дохил шуда, соли 2023 онро ба итмом расонидааст. Дар рафти иҷрои диссертатсия Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич докторанти (PhD) кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич санаи 29 ноябри соли 2024 дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 диссертатсияи худро ҳимоя намуда буд. Бо фармоиши раиси Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 25.04.2025 №167/од диссертатсияи Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич аз барассӣ бозхонд карда шуд. Мувофиқи фармоиши мазкур бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи такрории Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич пас аз ислоҳи камбудиҳо ба роҳ монда шудааст.

Мувофиқи нақшаи таълимии шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, аз тарафи докторанти (PhD) 180 кредит аз худ шудааст ва ӯ имтиҳони ниҳоиро бомуваффақият супоридааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ -** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара.

**Муқарризони расмӣ:**

**Иброҳимзода Илҳомуддин Раҷабалӣ** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,

**Икромӣ Фазлиддин Нуриддин –** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, дотсенти кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., Азизов С.А. таҳия шуда, дар ҷаласаи кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии АИДНПҶТ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №5/1, аз 25 декабри 2025 сол) ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз чунин хулоса шудааст, ки диссертатсияи докторант (PhD) Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)», кори илмию таҳқиқотии мустақилона ба итмомрасида дониста шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) 22 интишороти илмӣ, аз ҷумла 11 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### Мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

**[1-М].** Каримов Б. И. Ҳолати муосири рушди иҷтимоӣ–иқтисодии вилояти Хатлон [Матн] / Б.И. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - Душанбе.- 2024 .- №2 (52). - С. 157-167. ISSN: 2308-054X.

**[2-М].** Каримов Б. И. Ташаккулёбии даромади буҷети маҳаллии вилояти Хатлон [Матн] / Б. И. Каримов, М.А. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2024.- №6. (қисми 2).- С. 82-89. ISSN:2413-5151.

**[3-М].** Каримов Б. И. Самаранокии низоми электронӣ омили баланд бардоштани идораи молияи давлатӣ [Матн] / Б. И. Каримов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2023. №1. - С. 73-79. ISSN:2413-5151.

**[4-М].** Каримов Б.И., Идоракунӣ ва ташаккулёбии буҷети маҳаллии вилояти Хатлон. [Матн] / Б. И. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - Душанбе,- 2023. №3(48). - С. 70-79. ISSN: 2308-054Х.

**[5-М].** Каримов Б. И. Арзёбии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти Хатлон. [Матн] / Б. И. Каримов, Б.Д., Юнусов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - Душанбе,- 2023. - №2/1(46).-С. 240-249. ISSN:2308-054Х.

**[6-М].** Каримов Б. И. Тамоюли идоракунии даромади буҷети мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Б. И. Каримов // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. - Душанбе, 2023. - №1-(35). - С. 370-381. ISSN: 2663-0389.

**[7-М].** Каримов Б. И. Ҷабҳаҳои назариявии идоракунии молияи давлатӣ. [Матн] / Ш.Қ., Хайрзода, Б. И. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. - Душанбе, - 2022.- №4/2(44). –С. 351-356. ISSN; 2308-054Х.

**[8-М].** Каримов Б. И. Ташаккулёбии низоми электронӣ омили баланд бардоштани идоракунии молияи давлатӣ. [Матн] / Б. И. Каримов, М. Неъматулло // Паёми молия ва иқтисод. Маҷалаи илмӣ-амалӣ. - Душанбе, 2022. -№3-(32). - С. 219-225. ISSN: 2663-0389.

**[9-М].** Каримов Б. И. Ҷанбаъҳои назариявии татбиқи Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Б. И. Каримов // Паёми молия ва иқтисод. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. - Душанбе, 2022. -№1-(30). - С. 233-238. ISSN: 2663-0389.

**[10-М].** Каримов Б. И. Усулҳои ҳалли масъалаи нақлиёт бо талаботи зиёдатӣ. [Матн] / Б. И. Каримов, А.О. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Бохтар - 2019. - №1/4 (68). - С. 218-222. ISSN: 2663-5534.

**[11-М].** Каримов Б. И. Нақши Кодекси андози Ҷумҳури Тоҷикистон дар рушди соҳибкории истеҳсолӣ. [Матн] / Б. И. Каримов // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Маҷаллаи илмӣ. Бохтар-2017.- №1/2(45). – С. 101-105. ISSN: 2309-6764.

**Дар дигар нашрияҳо:**

**[12-М].** Каримов Б. И. Самаранокии барномаҳои электронӣ дар низоми идораи молияи маҳаллӣ [Матн] / Б. И. Каримов, Б. И. Каримзода // Паёми Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон. Бахши силсилаи тадқиқотҳои муҳандисӣ, инноватсионӣ ва сармоягузорӣ. – Бохтар. - 2024.- №1. (қисми 5).- С. 70-72. ISSN:3078-6630.

**[13-М].** Каримов Б. И. Таҳлили ҳолати молияии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Хатлон; [Матн] / Б. И. Каримов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон доир ба «Саноатикунонии рақамӣ ва рушди энергетикӣ аз нигоҳи олимону муҳаққиқон» Бохтар -25.04.2024- С. 468-475.

**[14-М].** Каримов Б.И. Самаранокӣ ва ташаккулёбии барномаҳои электронӣ дар низоми идораи молияи давлатӣ; [Матн] / Б. И. Каримов // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, доир ба «Таҳқиқоти муҳандисӣ, инноватсия ва сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика ва саноат» Бохтар -25.04.2023- С. 214-220.

**[15-М].** Каримов Б.И. Инкишофи соҳибкории байналхалқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Б. И. Каримов, М.Сурхаков // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт доир ба "Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, менеҷмент ва фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар". Рашт-27.05.2023. С. 67-70.

**[16-М].** Каримов Б.И. Ҷанбаҳои назариявии рушди молияи мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. [Матн] / Б. И. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. (Душанбе 24-28 апрели соли 2023). С 211-218.

**[17-М].** Каримов Б.И. Ташаккулёбии Ҳукумати электронӣ ва тамоюлҳои рушди он. [Матн] /Б. И. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он". Душанбе,- 28.03.2022 С. 248-251.

**[18-М].** Каримов Б.И. Ташаккули фарҳанги иттилоотӣ дар низоми молиявии **TFMis/SGB.net.** [Матн] /Б. И. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзуи "Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсири он ба инкишофи иқтисодиёти миллӣ: воқеият ва дурнамо". Душанбе,- 07.05.2022. С. 187-192.

**[19-М].** Каримов Б.И. Баҳодиҳӣ ба самаранокии барномаҳои электронӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ. [Матн] /Б. И. Каримов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (18.23- юми апрели соли 2022). С. 277-282.

**[20-М].** Каримов Б.И. Нақши инноватсия дар ҷаҳони муосир. [Матн] /Б. И. Каримов // Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 20-солагии Ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2017- Соли ҷавонон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, дар мавзуи "Рушди илм, инноватсия ва технологияҳо- асоси таъмини гузариш аз минтақаҳои аграрӣ-саноатӣ ба саноатӣ- аграрӣ" Душанбе.-2017. С. 134-138.

**[21-М].** Каримов Б.И. Таҳлили вазъи макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] /Б. И. Каримов // Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон ва донишҷӯёни ДМИТ бахшида ба соли ҷавонон ва 20-умин солгарди Ваҳдати миллӣ. (Душанбе-21-22 апрели соли 2017). С.- 213-218.

**[22-М].** Каримов Б.И. Қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои пардохти он. [Матн] /Б. И. Каримов С.Ш. Нуров // Маҷмуаи осори илмии Донишкадаи молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Душанбе, 2013. С.- 55-61.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Тақриз аз ҷониби д.и.и., дотсент Бобозода К.О. - директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ бо чунин эрод:**

1)Гузаронидани таҳлили муқоисавии таҷрибаи ҷорӣ намудани механизмҳои рақамӣ дар идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимият дар минтақаҳои гуногуни ҶТ, ки дар асоси он алгоритми мутобиқгардонидашудаи татбиқи ин воситаҳо вобаста ба хусусиятҳои иқтисодиёти вилояти Хатлон пешниҳод карда мешавад.

**2. Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Каримов Б.Ҳ. бо чунин эродҳо:**

1) Баррасии васеътарин ҷанбаҳои татбиқи ҳукуматдории электронӣ ва технологияҳои рақамӣ дар низоми идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ.

2) Таҳияи механизмҳои муассири коҳиш додани вобастагии буҷетҳои маҳаллӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ, хусусан дар шароити вилояти Хатлон.

**3. Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент, маркетинг ва иқтисодиёти меҳнати Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А.А. мусбат буда, эроди гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дорад.**

**4. Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи манбаъҳои алтернативии энергияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Раҳимов З.С. бо чунин эрод:**

1) Таҳлили усулҳои мувофиқи татбиқи таҷрибаи хориҷии такмили механизми идоракунии молияи маҳаллӣ дар шароити вилояти Хатлон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои мукаммалсозии низоми бонкӣ, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияе коркард шудааст,*** ки бо роҳи тақвият додани ҷанбаҳои ташкилию иқтисодии таъмини рушди низоми молияи маҳаллӣ дар сатҳи минтақа, таҳлили заминаҳо ва тамоюлҳои ба вуҷуд омадани ҷалби сармоя аз тарафи молияи минтақаҳо ва бо ин роҳ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти маҳал сафарбар намудани онҳо, яъне, эҳёи заминаҳои нави идоракунии молияи маҳалӣ, рушди мақомоти молияи марказию маҳаллӣ дар самти хизматрасониҳои хушсифат, ташкили низоми молияи маҳаллӣ дар рушди маҳал, ноил гардидан мумкин аст.

- ***пешниҳод шудааст:*** масъалаи фаъолгардонии ҳамбастагии низоми молияи маҳаллӣ бо бахшҳои иқтисодиёти минтақавӣ ва бахшҳои иқтисодиёти миллӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими рушди иқтисодӣ ва омили беҳтарсозии сифати зиндагии аҳолӣ, ҷараёнҳои ҳамоҳангии низоми молиявӣ бо иқтисодиёт, коркардҳои дурусти методӣ ва амалии таъсири молияи маҳаллӣ ба рушди иқтисодиёт бо назардошти механизмҳои идоракунии молияи маҳаллӣ дар шароити мураккабии равандҳои ҷаҳонишавӣ.

***- исбот шудааст:*** таъсири низоми молияи маҳаллӣ бо бахшҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо ҳамчун масоили мубрам ва калидӣ дар шароити муосир, васеъ гардонидани меҳвари афзалиятҳои ба истеҳсолот ва хизматрасонии молиявӣ, дараҷа ва сатҳи идоракуии дар ташаккули низоми молияи маҳаллии байнисоҳавӣ ва дохилисоҳавӣ, арзёбии сатҳи самаранокии идоракунии молияи маҳаллӣ, роҳҳои самаранок ва муассири дастгирии самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, баланд бардоштани ҳавасмандии низоми молиявӣ бо бахшҳои воқеии иқтисодиёти минтақавӣ, муайян намудани дараҷа ва равандҳои идоракунии молияи маҳаллӣ ва роҳҳои баромадан, бардоштани ҳолат ва вазъияти молиявӣ, муайян карда шудааст.

- ***омилҳо ва мушкилоти асосӣ,*** аз он ҷумла: дар сатҳи нокифояи фарҳанги идоракунии молия дар маҳалҳо, аз он ҷумла бахшҳои воқеии иқтисодиёт, нокифоя будани низоми идоракунии молияи маҳаллӣ, баланд бардоштани фарҳанги идоракунии барномаҳои мақсаднок дар сатҳи маҳалҳо, пешгирӣ аз ғайримақсаднок истифодабарии маблағҳои молиявии буҷети маҳаллӣ, пайвастагии зичи молияи маҳаллӣ ба иқтисодиёти минтақаҳо, равандҳои ҷаҳонишавӣ, кандашавии муваққатии ҳамбастагии низоми молияи маҳаллӣ бо иқтисодиёти минтақавӣ дар ҳолатҳои буҳронӣ, сатҳи нокифояи пешниҳоди маблағҳои буҷетӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт ***ошкор ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод*** гардидааст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои консепсияҳои бунёдӣ оид ба вобастагии низоми идоракунии молияи маҳаллӣ бо бахшҳои иқтисодиёти минтақавӣ ва нишондиҳандаҳои он, ки дар асарҳои олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ баён шудаанд, мувофиқат мекунанд ва дар доираи равишҳои консептуалию методӣ, ки дар монографияҳои илмӣ, мақолаҳои тақризшаванда дар маҷаллаҳои КОА, маводи конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳисоботи марказҳои илмий-таҳқиқотӣ, инчунин, дар қонунҳо,

стратегияву барномаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён гардидаанд, сурат гирифтааст.

- ***исбот шудааст,*** ки рушди иқтисодиёт аз низоми молияи маҳаллӣ, аз рушди иқтисодиёти минтақаҳо дар муҳити шаффофи идоракунии молияи маҳаллӣ вобаста буда, ҳамоҳангии байни онҳо дар минтақаҳои Тоҷикистон муайян карда шудааст.

- ***консепсияи*** фарогири масоили мубрами ҳамоҳангии рушди низоми идоракунии молияи маҳаллӣ бо бахшҳои иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ ***пешниҳод шудааст***, ки сатҳи ҳамбастагии низоми молиявӣ ва ҳамвобастагии онро дар шароити мураккаб будани вазъи иқтисодиёт инъикос намуда, пешниҳоди роҳҳои тақвият додани ҳамкориҳои аҳолӣ дар раванди даромаду хароҷоти буҷети маҳаллӣ ва бахши воқеии иқтисодиёти минтақаҳоро дар бар мегирад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок:** дар диссертатсия барои татбиқи ҳадафҳо ва мушаххасоти илмию амалӣ усулҳои таҳлили иқтисодӣ, ҳисобҳои оморӣ, мантиқӣ ва системавӣ, инчунин усулҳои моделсозии математикии ояндабинии молияи маҳаллӣ, усули абстрактӣ ва конкретӣ, усули расмикунонӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия, усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва экспертӣ, инчунин усулҳои гурӯҳбандӣ усулҳои муқоисавӣ ва омилӣ истифода шудаанд. Ҳангоми таҳияи хулосаҳои диссертатсия муаллиф ба ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ҳисоботҳои молиявӣ, оморҳои молиявӣ такя намудааст.

***- баён шудани*** методологияи арзёбии самаранокии механизми идоракунии буҷети мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, низоми нишондиҳандаҳои баҳодиҳии фаъолият, пешниҳодҳо оид ба такмили низоми арзёбии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ, ки метавонад аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми мушаххас кардани асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва методии идоракунии буҷетҳои маҳаллӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шавад.

- ***ошкор гардидани*** имконияти арзёбии нишондиҳандаҳои буҷети маҳаллӣ, нақши он дар низоми молиявии минтақавӣ ва механизмҳои идоракунии қисмати даромад ва хароҷоти он дар заминаи таҳлили ҳолати муосири иҷтимоӣ-иқтисодии рушди вилояти Хатлон.

***- аз нав такмил додани:*** усули мониторинги раванди идоракунии буҷети маҳаллӣ бо пешниҳоди асоснок оид ба такмили механизмҳои идоракунии барномавии мақсаднок дар баланд бардоштани самаранокии даромад ва хароҷоти буҷети маҳаллӣ.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)** дар он аст, ки хулоса ва муқаррароти асосии диссертатсия асосҳои методологии баҳодиҳии самаранокии идоракунии буҷети маҳаллиро таҳия намуда, шартҳои идоракунии самараноки буҷети давлатиро муайян мекунад ва ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии буҷети маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Молия», «Идораи молияи давлатӣ», «Молияи минтақавӣ», «Писихологияи идоракунӣ», «Молияи корхона» истифода кардан мумкин аст.

- ***стратегияи*** таъмини ҳамгироии молияи маҳаллӣ бо бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт дар сатҳи маҳал дар шароити равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар мураккабиҳои ҷойдошта пешниҳод шудааст.

- ***пешниҳод шудааст: а)*** рушди босуботи иқтисодиёти кишвар дар минтақаҳо барои дарёфти самаранокии идоракунии молияи мақомоти маҳаллӣ ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи фарогир ва меҳварӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон мувофиқи мақсад мебошад; б) нақши молияи маҳаллӣ дар рушди бахшҳои иқтисодиёти маҳал тақвият дода шуда, дастгирии ҳаматарафаи бахши институтсионалӣ бо роҳи самаранокии идоракунии молияи маҳаллӣ зарур дониста шудааст; в) дар доираи таҳқиқот усули мониторинги истифодаи маблағҳои буҷети маҳаллӣ таҳия карда шуд, ки ба самаранокtари фаъолияти механизмҳои идоракунии молиявӣ дар сатҳи маҳаллӣ мусоидат мекунад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***ғояи таҳқиқот*** ба муқаррароте асос ёфтааст, ки барои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ ва таъмини рушди иқтисодиёти маҳаллӣ молияи маҳаллӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, дар ташаккулёбии иқтисоди минтақавӣ дар вилояти Хатлон ҳамчун зернизоми иқтисоди миллии кишвар нақши калидиро мебозад.

- ***самтҳои*** ояндадори рушди иқтисодиёти маҳаллӣ ва расидан ба ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар ба татбиқи масоили мубрами сатҳи молияи маҳаллӣ бо бахшҳои иқтисодиёт тавассути самаранокии идоракунии молияи маҳаллӣ амалӣ гардида, махсусан доир ба идоракунии молияи маҳаллӣ ва вобаста ба воқеиятҳои татбиқшавии он пешниҳодҳои мушаххас карда шудаанд.

- ***методологияи*** амали механизмҳои идоракунии молияи мақомоти ҳокимияти давлатии маҳаллӣ дар ташаккулёбӣ ва маблағгузории захираҳои молиявӣ ба бахшу соҳаҳои ҳудуди муайян нақши муҳим дошта, дар таъмини рушди низоми иҷтимоӣ-иқтисодии маҳал аҳамияти калидӣ дорад.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи тавсияҳо, раванди таҳқиқот, усулҳои илмии умумӣ ва усулҳои шинохта, аз ҷумла, таҳлил, усули абстрактӣ ва конкретӣ, усули расмикунонӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд. Ҳангоми коркард ва ба низом даровардани маълумот усулҳои таҳлили муқоисавӣ ва экспертӣ, инчунин усулҳои гурӯҳбандӣ истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқарраротои мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 81,85% ва автореферати онро 94,51% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** тамоми марҳилаҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, мақсадгузорӣ ва иҷрои вазифаҳои он, таҳлил ва асоснокунии нишондиҳандаҳои низоми молия бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шуда, равандҳои идоракунии рушди

низоми молияи маҳаллӣ бо бахшҳои иқтисодиёт дар Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифта, натиҷаҳои мушаххас ба даст оварда шудааст. Ҳамзамон, саҳми муаллиф дар омода ва нашр кардани 22 мақолаи илмӣ зоҳир мегардад, ки аз ҷумла 11-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии молияи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии мукаммалсозӣ ва идоракунии низоми молияи маҳаллӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 1,5; 2,1; 2,2; 2,3 ва 2,8-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 23.01.2026 қарори сазовор донистани Каримов Баҳромҷон Исматуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи 6D050900-Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 12 иштирок доштанд (аз ҷумла 1 нафар тариқи маҷозӣ), аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта (1 нафар тариқи маҷозӣ) овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос: «Тарафдор» – 12 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раисикунанда:**
**Муовини раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Кошонова М.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**23 январи соли 2026.**